# НАМУНАИ АРИЗАҲО ОИДИ БЕКОР КАРДАНИ АҚДИ НИКОҲ ВА РӮЁНИДАНИ АЛИМЕНТ

*Намунаи 1*

**Ба суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**

**Даъвогар:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Ҷавобгар:** *(насаб, ном ва номи падари ҷавобгар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷавобгар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷавобгар)*

## АРИЗАИ ДАЪВОГӢ
## /Дар бораи бекор кардани ақди никоҳ/

Бо ҷавобгар ___________ *(ному насаби ҷавобгар)* дар қайди никоҳи қонунӣ буда, ақди никоҳамонро дар Хонаи ақди никоҳи шаҳри Душанбе дар санаи 26 сентябри соли 1998, тахти №888 ба қайд гирифтаем.

Аз зиндагии якҷоя бо ҷавобгар соҳиби ду фарзанд ______________ *(ному насаби фарзанди I)* 30 июли соли 2002 санаи таваллудаш ва ______________ *(ному насаби фарзанди II)* 31 декабри соли 2003 санаи таваллудаш мебошем.

Дар аввали зиндагӣ байни мо муносибати хуб ва ҳурмату эҳтиром ҷой дошт. Аммо солҳои охири зиндагиамон муносибат ва хислатҳоямон ба ҳамдигар мувофиқ наомада, ба хулоса омадем, ки муносибатҳои оилавиамонро қатъ намоем.

Муддати зиёда аз як сол мешавад, ки бо ҷавобгар ҳамчун зану шавҳар зиндагӣ накарда истодаем. Чунин меҳисобам, ки оилаи мо барҳам хурдааст ва имконияти барқарор намудани муносибҳои оилавиамон ҷой надорад.

Ҳамчунин байни мо баҳси молу мулкӣ ҷой надорад ва баҳс дар бораи таъминоти кӯдакон ҷой надорад, зеро ман ихтиёран дар таъминоти кӯдакон саҳм гузошта истодаам.

Мутобиқи талаботи қисми 1-и моддаи 21-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ақди никоҳ аз тарафи суд дар сурати фарзандони ноболиғ доштани зану шавҳар, ба истиснои ҳолатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” пешбинигардида ё

дар сурати ба бекор кардани ақди никоҳ розӣ набудани зан ё шавҳар, бекор карда мешавад.

Ҷавобгар низ барои бекор кардани ақди никоҳамон зид намебошад, аммо бо сабабе, ки мо фарзандони ноболиғ дорем, бинобар ин барои бекор кардани ақди никоҳ ба суд муроҷиат намуда истодаам.

Дар асоси моддаҳои 134-135 Кодекси мурофиаи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 1-и моддаи 21-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд-

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ақди никоҳи байни ман _______________ *(ному насаби даъвогар)* ва _______________ *(ному насаби ҷавобгар)*, ки дар Хонаи ақди никоҳи шаҳри Душанбе санаи 26 сентябри соли 1998, таҳти №888 ба қайд гирифта шудааст, бе додани муҳлати оштишавӣ бекор карда шавад.

**Замима:**

1. 2 адад нусхаи аризаи даъвогӣ;
2. Расиди пардохти маблағи боҷи давлатӣ 3,6 сомонӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомати даъвогар;
4. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
5. Нусхаи аслии шаҳодатномаи ақди никоҳ;
6. Нусхаи шаҳодатномаҳои таваллуди фарзандон.

**Аризадиҳанда:** ___________________ __. __. ___________________

(ному насаб) (имзо)

“_____” ____________________ ________

(санаи пешниҳод намудани ариза)

*Намунаи 2*

**Ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

**Даъвогар:** *(насаб, ном ва номи падари даъвогар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати (муваққатии) даъвогар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони даъвогар)*

**Ҷавобгар:** *(насаб, ном ва номи падари ҷавобгар)*, **истиқоматкунандаи** *(суроғаи истиқомати ҷавобгар)*, **рақами телефон:** *(рақами телефони ҷавобгар)*

**АРИЗАИ ДАЪВОГӢ**
**/Дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ва рӯёнидани алимент/**

Бо ҷавобгар ____________ *(ному насаби ҷавобгар)* дар санаи 21-уми апрели соли 2019 оила барпо намуда, ақди никоҳамонро дар ҳамин сана дар Шӯъбаи Хонаи ақди никоҳи шаҳри Душанбе таҳти №900 ба қайд гирифтем.

Аз зиндагии якҷоя соҳиби як фарзанд ____________ *(ному насаби фарзанд)* 12 майи соли 2020 санаи таваллудаш мебошем, ки айни замон фарзандонамон дар тарбия ва таъминоти ман қарор доранд.

Вақте, ки бо ҷавобгар оила барпо намудем муносибатамон хуб буд. Вале вақтҳои охир ҷавобгар ба қиморбозӣ даст зада, шабҳо дер ба хона меомад ва доду фиғон карда, маро аз хоб бедор карда, зери лату куб қарор медод, ки ин амалҳояш вақтҳои охир хусусияти мунтазамӣ гирифт.

Дар натиҷаи ин амалҳои ҷавобгар ман бемор шуда, асабҳоям хароб гардид. Ман дигар тоқат карда натавонистам ва кӯдакамонро гирифта, ба хонаи волидонам рафтам.

Ман чунин меҳисобам, ки муносибатҳои оилавиамонро бо ҷавобгар барқарор намудан имконнопазир аст ва оилаи мо барҳам хурдааст.

Байни мо айни замон баҳс дар бораи тақсимоти молу мулки муштарак ҷой надорад. Баҳс дар бораи тарбияи фарзандон низ ҷой надорад, чунки ман барои муоширати фарзандонамон бо ҷавобгар зид намебошам. Аммо вобаста ба таъминоти фарзандамон талабот пешниҳод менамоям, зеро ҷавобгар аз ҷиҳати моддӣ дар таъминоти фарзандамон ихтиёран саҳм нагузошта истодааст.

Мутобиқи талаботи қисми 1-и моддаи 21-и Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ақди никоҳ аз тарафи суд дар сурати фарзандони ноболиғ доштани зану шавҳар, ба истиснои ҳолатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ” пешбинигардида ё дар сурати ба бекор кардани ақди никоҳ розӣ набудани зан ё шавҳар, бекор карда мешавад.

Бинобар ҳолатҳои дар боло зикршуда, зарур мешуморам, ки ақди никоҳи

байни ман ва ҷавобгар, ки дар санаи 21-уми апрели соли 2019 дар Шӯъбаи Хонаи ақди никоҳи шаҳри Душанбе таҳти №900 ба қайд гирифа шудааст, бе додани муҳлати оштишавӣ бекор карда шавад.

Чӣ тавре, ки дар боло қайд намудам, ҷавобгар дар таъминоти фарзандамон ихтиёран саҳм нагузошта истодааст, ҳол он, ки ӯ ба ҳар корҳо машғул шуда, даромади номунтазам дорад.

*Мувофиқи талаботи моддаи 83 қисми 1 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми набудани созишномаи падару модар дар хусуси пардохти алимент ба кӯдакони ноболиғ ва дар ҳолате, ки агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағирёбанда дошта бошад, ё агар ин падар ё модар музди меҳнату даромади дигарро пурра ё қисман дар шакли асл (натура) ё асъори хориҷӣ гирад, суд метавонад андозаи алименти ҳармоҳа ситонидашавандаро ба маблағи устувор ва ё ҳамзамон дар шакли ҳисса (мутобиқи моддаи 81 ҳамин Кодекс) ва бо маблағи устувор муайян намояд.*

Зарур аст, ки аз ҳисоби ҷавобгар ба фоидаи ман, барои таъминоти фарзандамон, ҳар моҳа алимент ба маблағи устувори 1000 сомонӣ, то ба сини балоғат расидани кӯдак, рӯёнида шавад.

Бо дастрасии қисми 1-и моддаи 21 ва қисми 1-и моддаи 81 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз суд-

**ХОҲИШ МЕНАМОЯМ:**

Ақди никоҳи байни ман, ____________ *(ному насаби даъвогар)* ва ____________ *(ному насаби ҷавобгар)* ки дар санаи 21-уми апрели соли 2019 оила барпо намуда, ақди никоҳамон дар ҳамин сана дар Шӯъбаи Хонаи ақди никоҳи шаҳри Душанбе таҳти №900 ба қайд гирифа шудааст, бе додани муҳлати оштишавӣ бекор карда шавад.

Аз ҳисоби ____________ *(ному насаби ҷавобгар)*, ба фоидаи ман, барои таъминоти фарзандамон ____________ *(ному насаби фарзанд)* 12 майи соли 2020 санаи таваллудаш, ҳар моҳа алимент ба маблағи устувори 1000 сомонӣ, то ба сини балоғат расидани кӯдак, рӯёнида шавад.

**Замима:**

1. 2 адад нусхаи аризаи даъвогӣ;
2. Расиди пардохти маблағи боҷи давлатӣ 3,6 сомонӣ;
3. Маълумотнома аз ҷои истиқомати даъвогар;
4. Нусхаи шиносномаи даъвогар;
5. Шаҳодатномаи ақди никоҳ;
6. Нусхаҳои шаҳодатномаи таваллуди кӯдак.

**Аризадиҳанда:** ________________ __. __. ________________

(ному насаб) (имзо)

“____”________________ ______

(санаи пешниҳод намудани ариза)